Недоступен ни однин перевод.



Боиси ифтихор ва сарфарозист, ки тахти сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулху вахдати миллӣ- Пешвои миллат, Раиси Хизби Халкии Демократии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон тачрибаи таърихии амнияти гизоӣ аз давраи ба даст овардани Истиклолият то хол идома дошта, ин икдомхои Сарвари азизи кишвар боис ба тахсини халки азизи Точикистон гардидааст. Махсусан ин ташаббусхо хам мунтазам ва хам дар даврае ташкил мегарданд, ки ниёзи аввалияи мардуми кишвар таъмин мегардад.

Дар шароит ва вазъи имрӯза, ки сартосари чахонро бемории сироятии COVID- 19 фаро гирифтааст, дар Ваатани азизамон низ сокинон сироят ёфта истодаанд, чунин амалхои механпарваронаи Фарзанди фарзонаи миллат боис ба ифтихору сарбаланди мо мебошад, зеро дар вазъияте, ки дар чахон аломатхои бухрони иктисодӣ фаро омадааст дастгирии мунтазами сохахои гуногун ва ахолӣ зинаи аввали халли мушкилот махсуб меёбад. Дар яке аз баромадхояшон Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон таъкид кардаанд, ки "Амнияти гизоии мамлакат зери назорати чиддии Хукумати кишвар карор дорад, зеро амнияти гизоӣ кафолати пойдории сиёсати ичтимоӣ ва сиёсӣ низ мебошад."

Дирӯз низ тарики корвони иборат аз 140 адад автомашинахои боркаш ба вилояти Сугд маводхои озукаворӣ ва лавозимоти тиббӣ, доруворӣ барои кӯмак ба табибон омада расид ва ба шахри Истиклол низ дар хачми 15 тонна орд, равган, биринч, макарон, марчумак, шакар ва гайра ва хамзамон 15 тонна сабзавот ва дар хачми зиёда аз 20 хазор сомонӣ маводхои мухофизатӣ, доруворӣ ва молхои тиббӣ дастрас карда шуд, ки мо сокинони шахр аз ин икдоми Сарвари азизи кишвар миннатдор хастем.

Сар карда аз ин икдомхои начиби Президенти кишвар истифода намуда, имрӯз хар як фарди саховатпеша ва бонангу номус дар сар тосари мамлакат амалхои чавонмардонаро ба рох мондаанд, ки боиси каноатмандист.

Ман итминон дорам, ки мо сокинони сарбаланди Точикистони азиз бо сарварии Пешвои муаззами миллат барои халли хамаи муаммохои дар пеш истода саъю талоши шабонарӯзӣ мекашем ва ба натичахои дилхох дар сохахои гуногуни хочагии халки кишвар мерасем.

Бори дигар миннатдории хешро ба Пешвои миллат, Президенти кишварамон мухтарам Эмомалӣ Рахмон баён менамоям, зеро дастгирии навбатиашон низ аз инсондӯстиву ватанпарварии он кас дарак медихад.

Поянда бошад, сулху вахдати сартосарӣ дар кишвар ва парафшон бодо Парчами озодиву амн дар Чахон.